БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН



# ВАЗЪИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2026

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВИИ БМТ | 2026

## Вазъи низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2026

Нимсолаи 1 соли 2026

Ба санаи 30 июни соли 2026 дар қаламрави кишвар 17 иштирокчии касбии бозори суғурта - 16 ташкилоти суғуртавӣ ва 1 брокери суғуртавӣ[1] фаъолият менамоянд. Аз 16 ташкилоти суғуртавӣ 1 адади он ташкилоти суғуртавии давлатӣ ва 15 адади дигар ташкилоти суғуртавии ғайридавлатӣ мебошанд. Аз ин теъдод ду ташкилоти суғуртавӣ ба фаъолияти азнавсуғуртакунӣ низ машғул мебошанд.

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи филиалҳои ташкилотҳои суғуртавии кишвар ва намояндагиҳои онҳо бетағйир боқӣ мондааст.

*(бо адад)*

| СОХТОРИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 30.06.2025 | 30.06. 2026 | Тағйирот (+/-) |
|---|---|---|---|
| Иштирокчиёни касбии бозори суғурта | 16 | 17 | 1 |
| Ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) | 16 | 16 | 0 |
| ташкилоти суғуртавии давлатӣ | 1 | 1 | 0 |
| ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ | 15 | 15 | 0 |
| ташкилоти азнавсуғуртакунӣ[2] | 2 | 2 | 0 |
| Намояндагиҳо | 6 | 6 | 0 |
| Брокери суғуртавӣ | 0 | 1 | 1 |
| **Филиалҳо** | 66 | 66 | 0 |
| Намояндагиҳо | 6 | 6 | 0 |

[1]Дар давраи ҳисоботӣ мувофиқи қарори Раёсати БМТ аз 26 июни соли 2026, №64 ба ҶДММ "Брокери суғуртавии Ориё" барои анҷом додани фаъолияти брокерӣ иҷозатнома дода шудааст.

[2]Дар сохтори низоми суғуртаи кишвар ду ташкилоти суғуртавӣ ҳамзамон ба фаъолияти азнавсуғуртакунӣ машғул мебошанд.

## Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ зиёд гардид

**1 268,4**
млн сом.
**+25,2%**

Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар санаи 30 июни соли 2026 ба 1 268,4 млн сомонӣ баробар шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 255,0 млн сомонӣ ё 25,2 фоиз афзоиш ёфтаанд.

Ҳиссаи дороиҳои низоми суғурта нисбат ба дороиҳои умумии низоми молиявии кишвар дар ин давра ба 1,8 фоиз баробар шуда, нисбат ба ММД 0,7 фоизро ташкил дод.

## Уҳдадориҳои тавозунии ташкилотҳои суғуртавӣ

**389,0**
млн сом.
**+12,4%**

Уҳдадориҳои тавозунии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар санаи ҳисоботӣ маблағи 389,0 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2025 ба 43,0 млн сомонӣ ё 12,4 фоиз афзоиш ёфтаанд.

## Маблағҳои худии ташкилотҳои суғуртавӣ афзоиш ёфт

**875,0**
млн сом.
**+31,1%**

Маблағҳои худии (сармояи)[3] ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар интиҳои давраи ҳисоботӣ ба маблағи 875,0 млн сомонӣ баробар шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 207,6 млн сомонӣ ё 31,1 фоиз зиёд гардиданд, ки нишондиҳандаи мазкур асосан аз ҳисоби афзоиши сармояи оинномавии баъзе ташкилотҳои суғуртавӣ, инчунин фоидаи тақсимнашуда ва сармояи захиравӣ ба амал омадааст.

[3] Маблағҳои худии (сармояи) ташкилотҳои суғуртавӣ сармояи оинномавӣ, сармояи захиравӣ, сармояи иловагӣ, фонди ҳавасмандгардонӣ, инчунин фоидаи тақсимнашударо дар бар мегиранд.

## Сармояи оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ зиёд гардид

**519,0**
млн сом.
**+1,0%**

Сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар санаи 30 июни соли 2026 519,0 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2025 ба андозаи 5,2 млн сомонӣ ё 1,0 фоиз зиёд шудааст.

## Миқдори шартномаҳои басташуда коҳиш ёфт

**1 360,2**
ҳаз. адад
**19,9%**

Миқдори умумии шартномаҳои басташуда дар моҳҳои январ-июни соли 2026 ба 1 360,2 ҳазор адад баробар шуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ба миқдори 225,8 ҳазор адад ё 19,9 фоиз зиёд мебошад.

## Ҳаҷми умумии мукофоти суғуртавӣ афзоиш ёфт

**228,1**
млн сом.
**+9,4%**

Ҳаҷми умумии мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) ба санаи 30 июни соли 2026 маблағи 228,1 млн сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2025 ба андозаи 19,5 млн сомонӣ ё 9,4 фоиз зиёд мебошад.

## Пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ коҳиш ёфт

**15,6**
млн сом.
**-60,0%**

Пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар интиҳои нимсолаи якуми соли 2026 ба 15,6 млн сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 23,5 млн сомонӣ ё 60,0 фоиз кам шудааст.

## Хавфҳои базиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ коҳиш ёфт

113,9
млрд сом.
-3,5%

Хавфҳои базиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба санаи 30 июни соли 2026 113,9 млрд сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ ба андозаи 4,5 млн сомонӣ ё 3,5 фоиз кам мебошад.

Дар робита ба ин, хавфҳои ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар санаи ҳисоботӣ 59,0 млрд сомониро ташкил намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2025 30,7 млрд сомонӣ ё 34,3 фоиз коҳиш ёфтаанд.

## Мукофоти суғуртавии ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодашуда кам шуд

29,5
млн сом.
-17,8%

Мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодашудаи низоми суғурта ба санаи 30 июни соли 2026 ба 29,5 млн сомонӣ баробар шуда, дар қиёс ба ҳамин давраи соли қаблӣ 6,4 млн сомонӣ ё 17,8 фоиз кам мебошад.

## Захираҳои суғуртавӣ зиёд гардид

343,8
млн сом.
+32,1%

Захираҳои суғуртавӣ, ки далели саривақт иҷро гардидани ӯҳдадориҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) мебошанд, дар давраи ҳисоботӣ ба 343,8 млн сомонӣ баробар гардиданд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2025 ба андозаи 83,6 млн сомонӣ ё 32,1 фоиз зиёд шуданд.

## Фоидаи софи ташкилотҳои суғуртавӣ зиёд гардид

122,8
млн сом.
+34,2%

Фоидаи софи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба санаи 30 июни соли ҳисоботӣ ба 122,8 млн сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2025 ба маблағи 31,3 млн сомонӣ ё 34,2 фоиз зиёд шудааст.

## Пасандозҳои ташкилотҳои суғуртавӣ афзоиш ёфт

130,4
млн сом.
+30,5%

Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми пасандозҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар 130,4 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба нимсолаи якуми соли қаблӣ 30,5 млн сомонӣ ё 30,5 фоиз афзоиш ёфтааст.

## ROA ва ROE зиёд гардид

ROA 9,0%

ROE 14,0%

Нишондиҳандаҳои даромаднокии низоми суғуртаи кишвар ба санаи 30 июни соли 2026 аз рӯйи дороиҳо (ROA) 9,0 фоизро ташкил дода, аз рӯйи сармоя (ROE) бошад, ба 14,0 фоиз баробар гардид, ки мутаносибан ба ҳамин нишондиҳандаи соли қаблӣ баробар ва 0,3 банди фоизӣ зиёд мебошанд.